**Гулчеҳра Муҳаммадиева**

# ҲУМО СӮИ ҲУМОЮН БОЛ БИКШОД

Душанбе
2017

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-34

Муҳаррир *Наср Бобои Сарфароз*

**Гулчеҳра Муҳаммадиева.**
**Ҳумо сӯи Ҳумоюн бол бикшод**.
– Душанбе, 2017, 80 саҳ.

Ҳар гоҳ сухан дар бораи Модар меравад, лаҳни гӯянда ангубинӣ гардида, аз меҳру муҳаббат, сидқу сафо, нафосат, назокат, садоқат, покдомании ин олиҳаи Биҳиштӣ ҳарфу ҳиҷо ба миён меорад, ки ин арзандаву табиист. Муаллифи ин китоб Гулчеҳра Муҳаммадиева, ки худ модар аст, ҷаҳд кардааст, ки дар баробари ҳама он хислатҳои волои азалӣ, инчунин азму субот, иродаи қавӣ, заковат, ҷасорат, дарёдилӣ, ҷоннисорӣ ва, бешубҳа, қаҳрамонии Модарро низ ба қалам бидиҳад, зеро барҳақ гуфтаанд:

*Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф,*
*Гарде аз роҳи модарон бошад.*

© Гулчеҳра Муҳаммадиева, 2017

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

***Қалби модар зеботарин ва ҷовидонатарин ҷойгоҳи фарзанд аст, ҳатто дар рӯзҳое, ки мӯйҳои фарзанд сафед гардад.***

*Вилям Шекспир*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

# МОДАР, БУЗУРГӢ!

Модар, модарҷон, оча, очаҷон. Чӣ калимаҳои ширину латифу гуворо! Вақте ки шахс ин калимаҳоро ба забон меорад, пеши назар симое ба ҷилва меояд, ки пур аз нафосат, латофат, назокат, малоҳат ва иффат аст. Ва тайёр аст дар ҳама ҳолат барои фарзандон ҷонашро нисор намояд.

Модарҷон, ту олиҳаи покиву зебоӣ, муҳаббату садоқат, инсофу шафқат ва раҳму меҳр ҳастӣ. Ҳамеша аз гулу гиёҳ пояндоз доштию аз шарму ҳаё сарандоз. Беҳуда нест, ки тамоми адибон хостанд дар васфат беҳтарин суханҳоро баён созанд, аммо то имрӯз ягон адиб дар офариниши симои модар худро муваффақ наҳисобидааст. Ҳатто Биҳиштро зери қудумат донистаанду дилҳояшон боз ҳам тар нашудааст.

Дар ҳақиқат, модар, бузургӣ!

Охир, ту нигаҳдорандаи шамъи равшани ҳар хонадонӣ. Маҳз ту бо меҳру муҳаббатат метавонӣ хонаҳои моро гарм, дилҳои сардро нарм, сари хамро боло, чашми намро пок ва дили пурғамро шод гардонӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Модарҷон, гули офтобпарастро мемонӣ; агар гул рӯяшро ҳамеша сӯи Хуршед кунад, ту рӯятро ҳамеша сӯи фарзандон мекунӣ.

Модарҷон, бемуболиға, бузургӣ!

Ҳатто писарат – ҷигаргӯшаат, ки Сарвари як кишвар, ҳомии як миллат, Пешвои тоҷикони дунёст, вақти лозима сар ба зонуят мегузораду дарди миллаташро ба ту – модар гуфта метавонад. Фақат дар назди ту – модар, метавонад ашк резад, рози дил гӯяд.

Ҷисми нафисат соябон, қалби нозукат ҳамроз ва насиҳатҳоят ба рӯҳи ӯ тавон ва ба тани ӯ ҷавшан аст.

Ва ӯ – фарзандат се бор ба зону задааст, аввал назди Офаридгор, дуюм назди Парчами кишвараш ва сеюм пеши пои ту – модар.

Ай, модар! Таърих гувоҳ аст, ки фақат модари бузург метавонад шоҳзода ба дунё биорад. Ӯро тарбия ва ба роҳи рост ҳидоят кунад.

Ҳикмати Шамси Табрезиро такрор ба такрор ба ишон гӯшрас менамудӣ, ки гуфта:

«Ҳар тане, ки дар он илм нест, чун шаҳрест, ки дар он об нест ва ҳар тане, ки дар ӯ парҳез нест, чун дарахтест, ки дар он бор нест ва ҳар тане, ки дар ӯ шарм нест, чун дегест, ки дар ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

намак нест ва ҳар тане, ки дар ӯ ҷаҳд нест, чун бандаест, ки вайро Худованд нест.»

Ай, модари бузург! Вақте даст ба дуо мебардорӣ ва панҷаҳоятро мекушоӣ, мехоҳӣ тамоми оламро дар ин панҷаҳои рӯзғордидаат нигаҳ дорӣ ва аз Худои худ илтиҷо мекунӣ, ки фарзандонат боиқбол бошанду сарбаланду некном, чунки асли ту, модар, некдилу некрафтору некгуфтору некпиндор буда...

Зан дар об оғушта аз хоб бедор шуд. Пешониашро араќи калон-калон тар карда буд.

– Худоё, ин чӣ хобе буд, ки дидам. Находон мурғи зарринбол, ки чун оташ шуъла дошт, мурғи Ҳумо бошад?

Ӯ дар торикӣ ин тарафу он тарафи рахти хобашро даст-даст кард, чизе наёфт. Оҳиста аз ҷояш хеста чароғ даргиронд. Равғани лампа кам монда, ки рӯшноӣ хеле хира буд. Дар он рӯшноии хира низ ин тарафу он тарафро кофт, аммо бенатиҷа.

– Худоё, охир, мурғи Ҳумо як пари болашро канда ба ман дода таъкид кард: «Эҳтиёташ кун!»

Занро дигар хоб набурд. Кӯрпаи болои фарзандонашро, ки дар хоби ноз буданд, дуруст карду оҳиста аз хона баромад. Нигарист ба ос-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

мон, ҳама ҷо сиёҳ, абри ғафс осмонро пӯшонида буд, ҷо-ҷо ситораҳо хира намудор буданд, шамоли хунук барфрезаҳоро ба рӯяш зад. Зан дарақ-дарақ ларзид. Аз хунукӣ буд ё аз хоби дидааш, ҳеҷ ба худ омада наметавонист. Ба хона даромада худро таги кӯрпа гирифт.

– Майрам, чӣ шуд, чаро меларзӣ, мабодо бемор нашуда бошӣ? – гӯён Раҳмон бо меҳр дасташро ба пешонии ҳамсараш расонд.

– Не, мардак, бемор нашудаам, як хоби аҷоиб дида бедор шудам. Хоб кунед, – гуфт.

Шавҳари меҳрубон напурсид, ки чӣ хоб дидӣ? Лозим медонист, ҳамсараш ба ӯ мегуфт. Охир, одатан хобро аввал ба об мегӯянд.

Хоби Раҳмон низ парид, ба фикр фурӯ рафт…

Раҳмон рӯзгори то бо Майрам вохӯрданашро ба ёд овард. Саҳнаҳои ҳаёт чун лентаи кино аз пеши назараш гузаштанд.

Муҳоҷиркунии деҳаҳои кӯҳистон ба солҳои душвори баъдиҷангӣ рост меомад.

Аз Балҷувон, Сари Хосор ва Кангурт аҳолиро ба водии Вахш кӯчониданд. Аҳолии кӯчбаста як соли аввал дар капаҳои хасӣ, хонаҳои заризаминӣ умр ба сар бурда, ботлоқҳоро хушконида барои коштани пахта замин тайёр мекарданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Вақте намояндаҳои ҳукумат ба хонаи Раҳмонино омаданд, падараш – Сӯфӣ Шариф ба онҳо бо дард ва бо ашки чашм гуфт:

– Охир, дар ин пуштаву теппаҳо беҳтарин инсонҳо хок шудаанд. Падару модар ва авлоди ман низ дар ин ҷо маскан доранд. Эшони Юсуфи Хатлониро кӣ намедонад? Ҳама медонанд. Агар ҳамаи мо ба даштҳои поён равем, кӯҳистон ва мазори гузаштагони мо бесоҳиб мемонад.

Намояндаҳо ба бобои Сӯфӣ Шариф иҷозат дода гуфтанд:

– Мӯйсафед, мо ба Шумо кор надорем, аммо дар ин кӯҳистон танҳо чӣ хел рӯз мебаред? Хайр, писаратон – Раҳмон дастёр шудааст, ёрӣ мерасонад, – гуфта намояндаҳо ба хонаи ҳамсоя гузаштанд.

Бобои Шариф баъди кӯчида рафтани ҳаку ҳамсоя ва хешу табор ба Вахшонзамин, ҳар пагоҳӣ ба зиёрати қиблагоҳаш рафта бо сангу мазорҳо сӯҳбат мекарду меандешид: «Ману кампир умрамонро гузаронидаем, аммо тақдири писарамон Раҳмон дар ин кӯҳистони беодам чӣ мешуда бошад? Ӯро хонадор кардан лозим. Аз таҳдашт дигар ба кӯҳистон духтар медода бошанд ё на?»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Рӯзе модар аз Раҳмон хоҳиш кард, ки ба хонаи хешовандонашон рафта аз аҳволи онҳо бохабар шавад.

Раҳмон, вақте аз деҳаи Кӯл мегузашт, аз чашмаи софу булӯрин ва оби ширини он нӯши ҷон карду хост роҳашро давом диҳад. Дар пайроҳаи борики кӯҳӣ соҳибҷамоле кӯза дар даст ба чашма наздик мешуд. Раҳмон дақиқае шах шудда монд; магар хоб аст ё бедор?

Мегӯӣ, ғизоле хиромида бо чашмони бодомӣ, бинии рости теғадор, рухсораҳои гулгун, лабони чун ғунчаи гул ба табассум моил, мӯйҳои сиёҳи аз зери рӯймоли сафед намоёнаш ба ҳусни худододаш ҳусн зам мекард, рӯ ба рӯяш омад. Рӯю гардану банди дастони сап-сафедаш шабнами саҳариро мемонд.

Раҳмон ҳамоно рост истода нигоҳашро аз ин париваш канда наметавонист. Аз дил гузаронид: «Магар ба диёри афсонаҳо ворид шуда бошам. Ин паричеҳра парии паси кӯҳи Қоф бошад, ки дар кӯдакӣ модар ба мо афсонаҳо гуфта таърифу тавсифи он парирo мекард. Бале, ин ҳамон парӣ аст».

– Ҷавони хуб, чаро шах шуда мондӣ? Як тараф ист, ман аз чашма об гирам, – гуфт духтар шармида-шармида.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Раҳмон ба худ омада «Не, не, ин парӣ набудааст, аммо ҷинси латифе ба парӣ монанд» – аз дил гузаронид ӯ ва ҷуръат карда пурсид:

– Чӣ ном дорӣ?

– Майрам.

– Чӣ номи зебо, ба худат муносиб. Аҷиб, дар ин кӯҳистон ҳам чунин бонувони зебо умр ба сар мебурдаанд? – боҷуръаттар шуда пурсид Раҳмон.

Майрам табассуми зебое карда, хост кӯзаро пур аз об кунад, аммо Раҳмон бо як чолокӣ кӯзаро аз дасти Майрам гирифта бо оби мусаффо пур карда:

– Хонаатон дур аст? Ман ёрӣ мерасонам, – гуфта ҷавон дар пайраҳаи кӯҳӣ сӯи деҳа равон шуд.

– Не, не, лозим нест, ҳамсояҳо дида, айб мекунанд, – гуфта Майрам ба Раҳмон наздик омада кӯзаро гирифтанӣ шуд. Лаҳзае нигоҳи чашмонашон ба ҳам бархӯрданд. Ҳар ду хомӯш буданд. Нигоҳҳо пур аз меҳр.

Ин нигоҳи пурмеҳр дар ниҳоят «кори худ» кард, онҳоро ба ҳам овард ва онҳо оила барпо карданд. Хона рост карданд. Фарзанд ба дунё оварданд…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

– Мардак, ҳоло ҳам хобед, хезед, хурӯсҳо аз дамидани субҳ хабар доданд, – гуфта Майрам Раҳмонро аз олами ёдҳои ширин ба худ овард…

Майрам баъди корҳои рӯзгор лаби чашма рафту хоби дидаашро ба оби софи равон, ки аз зери замин ҷӯш зада мебаромад, гуфта, хеле сабук шуд. Кӯзаи калони сафолиро пур аз об карду сӯи хона болидарӯҳ роҳ пеш гирифт.

Шаби дуюм боз ӯ хоб дид. Аҷаб коре, гӯё давоми ҳамон хобашро медида бошад. Мурғи Ҳумо мисли гулхан ҳама ҷоро равшан карда буд. Аз гармии оташи он рӯи Майрам низ суп – сурх шуда, чашмони бодомии шаҳлояш медурахшиданд, лабҳои ба табассум моилаш ғунчаи гули навшукуфтаро мемонд. Ӯ дигар аз мурғи Ҳумо натарсид, баръакс, беихтиёр ҷасурона пурсид:

– Дирӯз ба ман аз болат як пар дода, гуфтӣ, эҳтиёт кун, ман онро гум кардам, – гунаҳкорона сар хам кард ӯ.

Мурғи Ҳумо ханда зад, ҳама ҷоро рангинкамони аҷибе зарринтару равшантару ҷолибтар ба ҷилва овард.

– Ту онро гум накардӣ, ӯ дар батни туст,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фақат эҳтиёташ кун. Аз чашми бад эминаш нигаҳ дор. Номашро Эмомалӣ гӯй. Ба душвориҳои зиёд дучор меояд; миллати парокандаро сарҷамъ, кишвари пора-порамı ба вартаи ҳалокат омадаро раҳо, харобазорро обод, тифлакони гирёнро хандон карда, ба Ватани харобгаштаю ҷангзада сулҳ меорад.

Тақдири душворе ӯро интизор аст. Маҳз бо тарбияи оқилона ва дуои ту ӯ марди баиқболу муваффақ мешавад. Ба дили пиру ҷавон роҳ меёбад, мардум ӯро **Пешво** интихоб мекунанд.

Ин имтиҳони ҷиддист, барои ту, модар – зодану парвардани шоҳписар! Ин доди илоҳист. Ӯро тарбия кардану ба воя расонидан, кори осон нест!

Майрам боз дар об оғушта аз болишт сар боло кард.

– Худоё, аҳли оиламро дар паноҳат нигаҳ дор, – гуфта оҳиставу боэҳтиёт даст болои шикам монд; табассуми ба худаш зебанда дар гирди лабони зебояш нақш баст. – Се фарзанд ба дунё овардам, ягон бор ин хел хоб надида будам. Бори дуюм аст, ки мурғи Ҳумо ба хобам медарояд. Аҷаб коре…

Майрам аз хоби дидааш ба касе чизе нагуфт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Аввалан, метарсид, ки ба тифлаки батнаш осебе нарасад, сонӣ, боиси хандаву мазоқи мардум нагардад. Агар гӯяд «ман шоҳзода ба дунё меорам», касе бовараш намекунад, хандахариши ҳелу ҳамсоя мешавад.

Рӯзҳо мегузашт. Вақту соати ба дунё овардани тифл низ фаро расид.

Майрам дар як рӯз садҳо бор хоби дидаашро ба ёд меовард. Аз Худои худ зорию тавалло ва хоҳишу илтиҷо мекард, ки тифлакаш сиҳату саломат ба дунё биояд.

5 октябри соли 1952. Чунин ба назар мерасид, ки садои баланди гиряи тифлаки навзод тамоми деҳаро фаро гирифта, аз кӯҳҳо акси ин садо, баландтар ба водӣ паҳн мешавад; Доя тифлакро парпеч карду ба модар дод.

Майрам тифлаки зебояшро ба даст гирифта зери лаб «шоҳзода тавлид кардам» гуфту шармида, бо нӯги рӯймоли калони сафед даҳонашро пӯшонд.

Рӯзҳо мегузашт. Эмомалӣ низ калон мешуд. Рафтору гуфтору амалаш нисбат ба ҳамсолонаш фарқ мекард. Дар мактаб хуб мехонд. Аз дарс омада, албатта, ба кори хона ёрӣ мерасонд. Ҳамеша нисбати модар меҳрубон буд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Очаҷон, чӣ кор кунам? Очаҷон, об биёрам? Очаҷон, ҳезумчинӣ равам? Очаҷон, гандумро ба осиёб барам? Очаҷон, таги дег оташ монам? – гӯён ҳамеша аз паи модар мегашт.

Ҳама корашро бо модар маслиҳат мекард. Аз падар дида ба модар бештар ҷазбмандӣ дошт. Модар афсонагӯи хеле хуб буд. Худро аз ҷумлаи каҳрамонҳои афсонаи модар ҳис мекард. Ба рафтори модар тақлид кардан мехост. Чуноне носеҳи бузург, Саъдӣ гуфтааст:

*Одамӣ одам набинад, аз куҷо одам шавад,*
*Шамъ агар оташ набинад,*
*аз куҷо равшан шавад?*

Одамгарии модар, рафтору гуфтори ӯ боиси ибрати Эмомалӣ буд.

Майрам ба рафторҳои Эмомалӣ синчакорона назар карда, хоби дидаашро ба ёд меовард, вақти дар мактаб хондан ҳамеша насиҳаташ мекард:

– Бачам, барои инсон ахлоқи хуб доштан шарт аст: «*Ахлоқи хуш гуноҳро об мекунад, чунонки офтоб яхро*»

Бачам, рост бош, ростгӯю рострафтору ростамал шав, беҳуда нагуфтаанд:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,*
*Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.*

Ҳамеша хоксор бош, бачам: *«хоксорӣ нишонаи оқилист»*.

Бачам, нони ҳалол ва аз меҳнати худ хӯр:

*Ҳар кӣ нон аз амали хеш хӯрад,*
*Миннат аз Ҳотами Тойӣ набарад.*

Эмомалӣ ба насиҳатҳои модар, сари ҳар қадам зарбулмасалу мақолгӯиҳояш ва афсонаҳои ӯ гӯш дода, шодмонӣ мекард, ки таҷрибаи зиндагӣ модарро ин қадар оқилаю хушгуфтор намудааст.

Оре, модар таронасарои беамсоле буд, ки ба забони шаҳдогини хеш дарси ҳаёт меомӯзонду бегумон, аз пешомадҳои бузург огоҳаш мекард.

Рӯзе, ки модар Эмомалиро ба хизмати аскарӣ мефиристод, оби чашм карда:

– Бачам, худатро эҳтиёт кун! Аз суханҳои роҳбаронат набаро. Хизматро бо сари баланд адо карда, ба деҳа баргард. Шабу рӯз дуои онро мекунам, ки сарбаланд бошӣ, бачам, ҳеҷ гоҳ беиқбол нашавӣ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*






*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Холаи Майрам, ки як писарашро дар хизмати аскарӣ бой дода буд, «моргазида аз банди ало метарсад» гуфтагӣ барин банди дилаш меларзид. Барои ҳамин гаштаю баргашта:

– Эмомаличон, чону дилам, худатро эҳтиёт кун. Оби дидагонамро шашқатору диламро реш накун! Дигар тоқати доғи фарзанд надорам, бачам. Аз бадрафтору бадкирдор худатро дур гир, беҳуда дар халқ намегӯянд, ки:

– «Аз сӯҳбати чоҳилон бипарҳез, чун ҳезуми хушк аз оташи тез» – гуфта бо нӯги рӯймол чӯйҳои ашки рухсораҳоро меруфт.

Эмомалӣ дуои модарро гирифта, дар Флоти Уқёнуси Ором хизмати ҳарбиашро гузаронд. Дар хизмат аз дигар миллатҳо рафиқони зиёде пайдо кард. Ба онҳо дар бораи зодгоҳу ватанаш нақлҳои ачиб мекард. Зебоиҳои табиати биҳиштосои Точикистон – зардориҳои хоки кӯҳистон, қатраҳои оби зулоли чашмасорон, шуълаҳои гарми Хуршеди тобон, чаҳ-чаҳи андалебон, овози най ва навои думраро чунон бо маҳорат қисса мекард, ки таъсири суханони зебои модар ба ёд меомад. Вақте Эмомалӣ ба сухан меомад, ҳамхизматҳо бо шавқи беандоза ӯро гӯш мекарданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Ҷӯраҳои ҷон, баъди анҷоми хизмат ман шуморо ба Тоҷикистони азиз ба меҳмонӣ даъват мекунам. Баҳорон ба даштҳои Олимтой як нигоҳ кардан кифоя аст, ки шахс тамоми рангҳои табиатро дида тавонад. Лолазор ҳамаро суп-сурх гардонда, мегӯӣ қолини рангаи зеборо дар дашту даман густурда бошад. Нақши чакани тоҷикӣ дар талу теппа ба ҷилва меояд. Насими форам бӯи нотакрори растаниҳои фоиданок – торону чукрию ҷамбилаку субинаку дигару дигарро ба машом мерасонад. Ҳамаи инро дидан лозим, қисса кардан ҳанӯз ҳеҷ чӣ гуфтан аст…

Ҳамеша таъкиди модар дар гӯшаш садо медод, ки «хизматро бо сари баланд адо карда, ба деҳа баргард.»

Се сол гузашт. Эмомалӣ, дар ҳақиқат, бо сари баланд хизматро адо карда, озими зодгоҳ гардид.

Садои хушҳолонаи бачаҳои деҳа ба гӯш мерасид, ки яке ба дигаре имконият надода:

– Акаи Эмомалӣ аз аскарӣ омад!

– Писари амаки Раҳмон аз аскарӣ омад!

– Аз холаи Майрам шодиёна мегирем, – гуён села шуда ба ҳавлии акаи Раҳмон даромаданд.

Холаи Майрам:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

– Ҳозир, бачаҷонҳо, ҳозир, шодиёна медиҳам, – гуфта ба сари кӯча давида баромад.

Эмомалӣ бо либоси низомӣ дар иҳотаи ҳамдеҳаҳо бо чеҳраи шукуфону лабҳои хандон дар даст ҷомадон бардам-бардам қадам монда ба ҳавлиашон наздик шуд.

Майрам худро ба оғӯши писар зада:

– Эмомалиҷон, ҷигари оча, дар бӯякат мурам, – гуфта, писарашро бӯй мекашиду мебӯсид ва ашки шодӣ мерехт. О, дар ин қаду қомати хушрӯт очат мурад, бачам! Ҳамсояҳои азиз, бинен бачаи ма як ҷавонмарди нозанин шуда, ба хона баргаште! Сад бор шукр! Ба додагит шукр, Худо! – гуфта модар гиребон қабза мекард ва ашки шодӣ пок менамуд.

– Очаҷон, чаро ашк мерезед? Охир, супоришатонро иҷро кардам. Хизмати Модар-Ватанро бо сари баланд адо кардам, – гуфт Эмомалӣ ашки рӯи модарро поккунон.

Дар як дам ҳавлӣ пур аз ҳамсоя шуд. Холаи Майрам, гӯё бол бароварда бошад, бо як чолокӣ ба даруни хона давида, дар даст як лаълии калони пур аз қанду чормағз баромад ва болои сари писараш тангаю қанду чормағз барчош кард.

Кӯдакон, мегӯӣ селаи кафтарбачаҳо бошанд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хандону шодон ҳама аз замин чочала мечиданд. Падар низ аз омадани писараш огоҳ шуда, шитобон ба ҳавлӣ даромад :

– Шукр, сад шукр, бачам, сиҳат саломат ба хона баргаштӣ. Дигар тоқати шунидани оҳу воҳи модаратро надорам, бачам. Қадамат болои дида. Хуш омадӣ, бачам! – Ҳамсояҳо, бинед, бачаи навчаи ман мардбача шуда аз хизмат баргаштааст, – гуфт амаки Раҳмон ифтихормандона.

Эмомалӣ ҷомадонашро кушода савғоҳои овардаашро рӯи шоли паҳнкарда монду як рӯймоли гулдори зеборо болои сари модар пӯшонида:

– Очаҷон, муборак шавад! Ин рӯймол ба Шумо хеле зебид, – гуфта аз ду рухсори модар бӯсид.

Холаи Майрам боз ашк рехт.Ашки шодӣ, ашки ифтихормандӣ.

– Писарам, ташвиш шудӣ. Ҳазор раҳмат, ба сад доӣ, дасти кама набинӣ. Ин рӯймол хеле зебо будааст, бачам, биё дар сару пои келинам монам, – гуфта холаи Майрам рӯймолро аз сараш гирифт.

– Очаҷон, чаро ин хел мегӯед? Ин рӯймол зеби Шумо барин очаи нозанини ман дорад. Ба-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

рои келин дигарашро мегирем. Аввал келинро ёбем, рӯймолхарӣ кори осон, – гӯён Эмомалӣ шӯхӣ карда хандид.

Модар низ тарафдори суханҳои писар шуда гуфт: – Бачам, ҷое шунида будам, ки:

*«Чаҳор чиз саодати шахс аст: ҳамсари шоиста, фарзандони хайрманд, рафиқони хуб, рӯзӣ дар ватан»* ва даст ба дуо кушода:

– Илоҳо, гуфтаат шавад, бачам, як келини нозанин ёб, ки ба худат арзанда бошад. Омин!

Ҳама рӯйи ҳавлибудагон даст ба дуо бароштанд.

* * *

Зиндагӣ идома дошт.

Эмомалӣ соҳиби касб шуд, барои маълумоти олӣ гирифтан шабҳои бедорхобиро паси сар кард. Модар мегуфт: *«Илм болотар аз ибодат аст»*. Аз рӯи ин амал рафтор мекард: *«Ҳар кӣ илм талаб кунад, Худо ризқашро кафолат кунад»*. То тавонист, ба ҳар як ҳамдеҳа дасти мадад дароз кард:

*Беҳин коре, ки андар зиндагонист,*
*Накӯхоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Дар ғаму шодии онҳо дар барашон рост буд. Дасти пок дошт чун оруи асал: «ҷуз пок нахӯрад ва ҷуз пок надиҳад». Ин буд, ки сокинони маҳал ӯро сарвари худ интихоб карданд. Ӯ фарзанди аҳли гузар буд, баъди ин боз ҳам ба халқ наздиктар шуд.

Модар шоҳиди бедорхобиҳои фарзанд буд. Обод кардани мавзеи беоб ва дар он пахта рӯёнидан кори осон набуд. Кору пайкори писаршро дида, холаи Майрам хоби дидаашро ба ёд овард. Охир, мурғи Ҳумо гуфта буд, ку: «Тақдири душворе ӯро интизор аст».

Аммо модари бечора – Майрам намедонист, ки душвории ҳозир чӣ душворист, ки кӯргиреҳҳои ногуфтанӣ дар пешанд…

Вақте 19 ноябри соли 1992 дар иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ писараш Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд, Ватан дар ҳоле қарор дошт, ки бародар бародарро гӯш кардан намехост, гурӯҳҳои ифротгаро тухми кинаву адоватро дар дили мардум ҷо кардан мехостанд. Хазинаи давлат холӣ буд.

Бисёриҳо тамошобин буданд, ки ин ҷавони камтаҷрибаи 40-сола чанд моҳ тоқат мекарда бошад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба бехи ниҳоли навнумӯъкардаистодаи Истиқлолият, ки пур аз муғча буд, оташи сӯзон мерехтанд, ки муғчаҳо гул нашаванду гулҳо мева. Оби софи диёрро махсус аз боло лойоб мекарданд, ки мардум рӯҳафтода шавад. Навои хушро дидаву дониста хомӯш карда, навои мотам месуруданд, ки ба ояндаи нек бовар накунанд. Тухми кинаву адоватро ҳар сӯ пареш медоданд, ки шумораи бадхоҳону кӯтоҳандешон зиёд шавад.

Ҳамаи инро дида модар месӯхт, оҳи пурдард мебаровард аз синаи реш, аммо бо дидани фарзанд ашк аз рухсораҳо пок мекарду ба ӯ дуои нек медод. Ҳар гоҳе фарзанд ба сафар мебаромад, ӯ чанд бор мемурду аз нав зинда мегашт…

Дар ҳақиқат, мувофиқ ба ҳамон гуфти мурғи Ҳумо миллат пароканда, кишвар пора-пора, ҳама харобазор, тифлон гирёну модарон нолон буданд.

Модар сӯи офаридгораш дасти дуо кушод:

– Худоё, фарзандамро дар паноҳат нигоҳ дор. Қувваташ деҳ, ки ин айёми хонумонсӯзиро бо сарбаландӣ паси сар кунад. Забони буррояш деҳ, ки оммаро аз қафояш бурда тавонад. Беҳуда



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

нагуфтаанд, ки «*Фазилати инсон зери забонаш нуҳуфта аст*». Иродаи матинаш деҳ, ки аз роҳи интихобкарда барнагардад. Рӯи сурху сари болоро насибаш гардон!

Модар оҳиста зери лаб гӯё худ ба худ гуфт:

– Кош, писарам кишоварз мешуду замин шудгор мекарду ғалла медаравиду дар барам мебуд. Як лаб нони гарми гандумиро дар оби хунук тар карда мехӯрдему орому осуда.

Фикрҳои мухталиф азобаш медод. Дар сараш фикрҳои дигаре низ чарх мезад. Охир, ба писари ман мардум бовар карданд. Қисмати худро ба дасти ӯ доданд. Ӯ вазифадор аст, ки мардумро аз вартаи ноумедӣ раҳо созад. Мурғи Ҳумо гуфта буд, ку!..

Писар куҷое, ки рахти сафар мебаст, аз модари азизаш дуо мегирифт. Модар низ дуои нек дода: «сафарат бехатар, ба корҳоят барор, иқболу обрӯ, сиҳат рафта, саломат биё» – мегуфту кафҳои дасташро ба рӯ кашида «омин»-мекард.

Он рӯзе, ки Эмомалӣ бо чархбол ба давлати ҳамсоя – Афғонистон ба «Дараи марг» равон шуд, нахост модарро тарсонад:

– Очаҷон, як дуоям деҳ 2-3-рӯза барои истироҳат меравам, – гуфта буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Модар хурсанд шуда: «бачам, аҷаб кори хубе мекунӣ», – гуфту дуояш дод.

Вақте ки ровии телевизион хабар расонд, ки Сарвари давлат дар хоки ҳамсоя – Афғонистон бо гурҳӯи мухолифин вохӯрда дар бораи тақдири гурезаҳо сухан гуфтааст ва ба ҳамватанон бо забони ширину волои тоҷикӣ:

– Ман ба Шумо Сулҳ меорам, то гурезаи охирин ба Ватан барнагардад, худро осуда тасаввур намекунам… – гуфт, дили модар ларзид.

– Оҳ, бачам, худро дар бало андохтӣ, ба «Дараи марг» рафтан нишонаи худкушист, охир!

Модар гоҳ телевизион мемонду гоҳ назди радиои деворӣ, гӯш ба баромадҳои писараш буд ва бо дасти рост номаълум карда дилашро молиш медод. Офарини он дили бузург!

Сарвари давлат илтиҷо мекард, дили ғарибафтодагонро мебардошт:

– Хонаву дар, хешу табор, замини падариву бобоиатон Шуморо интизоранд. Биёед, Ватанро якҷоя обод созем, хористонро ба гулистон табдил диҳем, сари хамгаштаи падаронро боло кунем, ашки модаронро пок кунем, кинаҳоро аз дил дур намоем, оғӯш кушоем сӯи якдигар. Он гурӯҳҳое, ки бародарро бо бародар ҷанг ан-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

дохтанд, бояд дар оташи афрӯхтаи худ сӯзанд. Ҳасуд худ душмани худ аст, аз бахилӣ хуни худро мехӯрад. Миллати мо ҳеҷ гоҳ сӯзанда набуд, созанда буд, – мегуфт.

Модар хун мегирист. Ба ёдаш меомад суханони мурғи Ҳумо «тақдири душворе ӯро интизор аст», «Ин имтиҳони ҷиддист барои ту, модар, зодани шоҳписар»!

Модар ашк мерехту гиребон қабза мекард ва бо дасти рост номаълум дилашро молиш медод:

– Шукр, халқ ба писараш бовар кард. Бовар кард, чунки ӯ назди халқи азизаш самимона савганд хӯрд. Савганди хӯрдаи фарзанд ҳамеша дар гӯши модар садо медиҳад:

«Савганд ба номи поки Худо, савганд ба шири сафеди модарам, савганд ба дуои неки падару модарон, савганд ба нону намаки дастурхони пиру ҷавон, савганд ба обу хоки муқаддаси Ватан, ки масъулияти тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллати тоҷикро бар дӯш мегирам.

Савганд ба ҷони ҳафт миллион фарзанди Тоҷикистони азиз, ки тамоми ҳастӣ, нируву ғайрат ва таҷрибаву иродаамро барои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебахшам»…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Модар ифтихор мекард, ки фарзанд бо шири сафеди модараш қасам хӯрд ва ман он модаре хастам, ки имрӯз дарк кардам, фарзанди ман фарзанди ҳамаи модарони тоҷик аст.

Вақте ки дар иҷлосияи XVI-уми сарнавиштсоз писар Парчами ватанро бӯсиду ҷомааш пӯшониданд, рӯи модарро боз ашки шашқатор шуст, ашки ифтихормандӣ, ашки шодӣ, боз даст сӯи дил бурд, чунки дил вақтҳои охир ташвишаш медод.

Барои обод кардани кишвар ба куҷоҳое сафар накард, бо киҳое гуфтушунид накард, лозим шуд, сар зер кард барои ободии диёр.

Модар ба гӯши писар ҳамеша суханони А.Фирдавсиро такрор ба такрор мегуфт:

– *Ба гетӣ ба ҷуз тухми некӣ макор!*

Як рӯз пеш аз сафари Президент ба вилояти онвақта Ленинобод модар бори сеюм мурғи Ҳуморо хоб дид.

Мурғ чун ҳарвақта хурсанд набуд, болҳои зарринтобаш ҳам ҷилва намекард. Ҳаво пурабру торик буд. Ҳумо як нигоҳ тарафи модар карду чизе нагуфта ба баландиҳо бол кушод.

Модар аз дунболаш хост чизе гӯяд, аммо ӯ дигар чизеро намешунид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Холаи Майрам аз хоб хеста, ғамгин рӯи ҳавлӣ баромада ба писараш:

– Нуриддин, бачам, як телефон карда аз аҳволи бародарат напурсидӣ?

– Очаҷон, пурсидам, ҳама нағз, бародарам сафари корӣ доштааст. Гуфтанд, аз он тараф баргардам, албатта, ба аёдати модар меоям.

Очаҷон, охир писаратон серкор аст. Роҳбарии 7 миллион аҳолӣ кори осон нест. Хумори писари дӯстдоратон гирифт-чӣ? – гуфта Нуриддин шӯхӣ кард.

– Бачам, дар пешактон мурам, ин хел нагӯй, барои ман ҳамаи шумо як хел, лекин барои Эмомалиҷон ҳамеша дар ташвишам. Дили модар-да, бачам, – гуфту гашта ба хона даромада бо наберахо машғули суҳбат шуд. Аммо як гӯшаи дилаш торик буд. Хоби шаб дидааш ӯро ором намегузошт…

… Он рӯзи шум Сарвари давлат дар чорабинии 65-солагии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд иштирок намуда, дар иҳотаи издиҳоме, ки барои вохӯрӣ бо Президенти мамлакат ҷамъ омада буданд, ба сӯи театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Камоли Хуҷандӣ раҳсипор гашт.

Мардум бо рӯҳи болида, бо гулу гулдаста ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

байрақчаҳо дар даст Сарвари худро мунтазир буданд. Президенти кишвар низ бо табассум ва шодӣ бо яке дастакӣ вохӯрӣ мекарду бо дигаре бо ишора салом медод. Сари бачаҳоро сила карда ба маҷлисгоҳ наздик мешуд.

Дар ҳамин ҳолат дасти нохалафе дар пеши пои Президент норинҷак партофт. Яке аз муҳофизони Сарвари давлат ӯро тела дод. Президент ба замин афтод. Чусту чолокӣ ва ҷуссаи обутобёфтаи ӯ сабаб шуду дар вақти афтидан ҷароҳати сахт набардошт. Аз таркиши граната дар ҷои ҳодиса ду нафар духтар ва писаре, ки ба Сарвари давлат наздик буданд, ҷон бохтанд.75 нафар ҷароҳатҳои гуногун бардоштанд. Якчанд пораи граната раиси ҳукумати вилоят Қосимҷон Раҳбаровро маҷрӯҳ кард.

Яке аз пораҳои граната пои чапи Президентро хуншор сохт. Ба дарди пои худ нигоҳ накарда, Сарвари давлат ҳамаро ба оромӣ даъват кард.

– Мардумро ором кунед…

Маҷрӯҳонро ба беморхона баред…

Ҷинояткоронро ҳар чи тезтар дастгир намоед!..

Ба сӯзиши по ва хунравӣ нигоҳ накарда, Президент ботамкину оромона, вале қатъӣ вазъияти ба амал омадаро зери назорат гирифт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Муҳофизон Эмомалӣ Раҳмонро дар иҳота гирифта дохили бинои театр шуданд. Баъди чанде мошини «Ёрии таъҷилӣ» расида омад. Табибон ба ёрии Президент шитофтанд, аммо ӯ онҳоро нигоҳ дошта:

– Ҷароҳати ман вазнин нест. Аввал ба Қосим Раҳбарович ёрӣ расонед, – гуфт.

Баъди муоина ва докапеч кардани ҷароҳати по Эмомалӣ Раҳмон хост ба толор даромада, баромад кунад, аммо духтурон ва ҳамроҳонаш монеъ шуданд:

– Хоҳиш мекунем, ба толор надароед, мумкин дар он ҷо низ терористон бошанд.

Эмомалӣ Раҳмон бо қаъият гуфт:

– Фикр мекунам, он шахсоне, ки дар толоранд, гуноҳе надоранд. Ин кори зархаридоне ҳастанд, ки зидди сохти имрӯзаи давлатанд. Вохӯриро оғоз мекунем!

Вақте Сарвари давлат каме пояшро кашида ба толор ворид шуд, ҳама аз ҷой хеста бо шодиву нишот кафкӯбон Сарвари ҷасури худро пешвоз гирифтанд.

– Ба мардуми меҳнатқарини вилояти Ленинобод аз номи роҳбарияти Ҷумҳурӣ, Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати вилоят барои вохӯрии самимӣ ва



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

дастгирии сиёсати пешгирифтаи давлат миннатдорӣ баён менамоям…Он сӯиқасде ки имрӯз нотавонбинон амалӣ карданӣ буданд, кори як зумра шахсиятҳоест, ки оқибат ба чоҳи кандаашон худашон меафтанд...

Ҳамаи ин ҳодисаро модар ба воситаи симо бо чашми сар дид.

– Оҳ, писарам, ҷону ҷигарам, кош, мемурдаму ин ҳамаро намедидам, – гуфта модар нола карда ба рӯй ханҷол кашид. Рухсораҳои модар пур аз хун шуд. Лаҳзае худро беҳолу мадор ҳис кард. Набераҳо бибиро иҳота карда, духтур ҷеғ заданд.

– Писарам, Нуриддин, тез ба хонаи бародарат рафта, аз аҳволашон огоҳ шав, онҳоро ба хона гирифта биёр, – гуфта бо ашки шашқатор писарашро ба шитобидан ҳидоят намуда дуои сафар дод.

Нуриддин дар сар ҳазор фикру хаёли мағшуш ба хонаи бародар расид.

Янгааш Азизмоҳ ва фарзандон амакро дидан баробар ба гиря даромаданд.

– Азизонам, тири душман хок хӯрд. Бародарам сиҳату саломат, бегоҳ расида меояд, – гуфта хонаводаро ором кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Дар ҳақиқат, суханони Нуриддин дуруст баромад. Сарвари давлат бегоҳ назди аҳли оила омада, онҳоро каме осуда намуд. Ба модар низ занг зад:

– Очаҷон, манам – Эмомалӣ, – гуфта буд, ки аз он тарафи гӯшӣ навҳаи модар баланд шуд…

Нотавонбинон боз як муддате ба сӯиқасд ва амалҳои ноҷавонмардона даст мезаданд. Ба фарзандони фарзонаи миллат, ки ба кори давлат ва Сарвари он содиқ буданд, сӯиқасд мекарданд. Инҳо: Моёншо Назаршоев, Мунаваршо Назриев, Айнулло Неъматов Муҳаммад Осимӣ, Юсуф Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломов, муфтии мусулмонҳо Ҳоҷӣ Шарифзода, рӯзноманигорони оташинсухану оташинқалам Давлаталӣ Раҳмоналиев, Отахон Латифӣ, Муҳиддин Олимпур, Сайф Раҳим ва бисёр дигарон буданд қурбони амалҳои нопоки онҳо ва хоҷагонашон гардиданд. Террору мардумтарсонии онҳо дер давом накард. Халқ дӯстро аз душман шинохта гирифт. Нотавонбинон танҳо монданд, рӯсиёҳ шуданд, радди маърака гаштанд…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*






*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*






*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*






*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

* * *

Барои модар рӯзи 27 июни соли 1997 рӯзи мубораку мунаввару муқаддас буд. Рӯзи офтобӣ. Аз равзанаи хона модар ба берун нигарист. Ҳама ҷо мисли он шабе ки аввалин бор мурғи Ҳуморо хоб дида буд, зарринтобу равшану пур аз нуру зиё метофт. Модар ҷои нишаст намеёфт, дилаш бо беқарорӣ метапид. Даст болои он гузошта тавалло дошт:

– Худоё, рӯи писарам, ҷону ҷигарамро сурх ва сарашро боло гардон. Илоҳо, ақлу хиради тоҷик ғалаба кунаду оташи ҷангу нофаҳмию низоъ хомӯш гардад!

Ҳуҷҷати умумии истиқрори сулҳи тоҷикон дар шаҳри Маскав ба имзо расид.

Модар якчанд бор ду кафи дастро, мегӯи пур аз дуо карда бошад, ба рӯй кашид. Рӯ ба само кард. Парандаҳо озодона бол мезаданд. Онҳо низ чун модар шодӣ доштанд, мехостанд ба ҳама аҳли кишвар мужда расонанд, ки дар Тоҷикистон сулҳу сафо тантана хоҳад кард.

Дар ин лаҳзаҳо модар мехост мурғи Ҳумо наздаш ҳозир шаваду болои болҳои ӯ часпида ба пешвози писараш парвоз кунад, ӯро ба оғӯш кашида, муборакбодаш кунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Бегоҳӣ дар барномаҳои телевизионӣ фарзандро дар фурудгоҳи ҳавоӣ дид, ки мардуми хушбахт сарварашонро гулборон мекарданд. Модар бо ашки шодии шашқатор қаноатманд гашта, шукри фарзанду толеи баланди ӯ мекард.

Баъди имзои Созишномаи ризоияти миллӣ ва истиқрори сулҳи тоҷикон Сарвари давлат омодагӣ ба 1100-солагии давлатдории Сомониёнро эълон кард.

Ҳазорсолагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, ҷашнҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва Носири Хусрави Қабодиёнӣ, 2700-солагии «Авасто» ва шаҳри Кӯлоб, бузургдошти Тамаддуни Ориёӣ, 800-солагии орифи бузург Ҷалолуддини Балхӣ ва дигару дигар ҷашнҳо, ки барои баланд бардоштани ҳувияти миллӣ нақши азим доштанд, дар сатҳи олӣ гузаронида шуданд.

Рӯзи кушодашавии роҳи оҳани Курғонтеппа – Кӯлоб модар тоқат накард. Ба набераҳо гӯшрас кард:

– Мехоҳам, шодии писар ва халқи азизро бо чашмонам бинам. Набераҳо хоҳишашро иҷро карданд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Аз дур дар байни издиҳоми одамон дид, ки писараш дар як қатора ҳама нируҳои гуногунро, ки аз як аслу аз як миллатанд, баҳри наздиктар кардани онҳо шинонида буд.

Назари писар дар байни садҳо модарон ба рӯи модари азиз бархӯрд, ки ашки шодӣ чун чашмаҳои кӯҳистон ду бари рӯяшро мешуст.

– Оҳ, модар, чӣ азизӣ, чӣ муқаддасӣ, барои ба хурсандии фарзанд шарик шудан бо пойҳои дардмандат бо ҳамдиёрон якҷо шудӣ. Модарҷон…

Ашки беихтиёр аз дидаҳо ҷаҳида рӯи писарро низ шуст…

… Баъди чанде фарзанд ба аёдати модар омад. Онҳо аз ину он паҳлуи рӯзгор суҳбат оростанд:

– Очаҷон, чӣ гапҳои нав, мардум чӣ мушкилӣ доранд? Дар рӯзҳои наздик аз минбари баландтарини ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид баромад дорам. Дуои шумо сафари бехатару кушоиши кор аст, очаҷон. Як дуо диҳед.

– Бачаи ҷони оча, мардум як мушкили асосӣ дорад. Нарасидани оби ошомидании бомазза.

– Очаҷон, ин мушкили на танҳо ноҳияи мо,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

балки бисёр сарзаминҳои дунё аст, ки аз беобӣ ё камобӣ азият мекашанд.

Ҳамин шуду Сарвари давлатамон аз баландтарин минбари ҷаҳонӣ баромад намуда, мушкилоти оби тоза ва зина ба зина ҳал намудани таъминоти аҳолии кураи замин бо обро ба диққати умум расонд.

Соли 2003-ро бо ташабуси ҷигарбанди модар Созмони Миллали Муттаҳид Соли байналхалқии оби тоза эълон намуд.

Солҳои 2005-2015 даҳсолаи «Об барои ҳаёт» эълон шуд.

* * *

Модарро шаб хоб набурд.

– Чаро? Чаро дилам ҳиҷилу як гӯшааш сиёҳ аст. Худоё, фарзандамро аз балоҳои охирзамон дар паноҳат нигаҳ дор.

Пагоҳӣ модар аз тариқи садову симо фаҳмид, ки полковники хиёнаткор Маҳмуд Худойбердиев бо қувваҳои аҳриманнии худ нияти шабохун задан ба Хуҷанди бостонӣ ва роҳбарии давлатро ба даст гирифтан доштааст.

Нуриддин барои саломи пагоҳирӯзӣ назди модар даромада:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Очаҷон, табъатон хира, мабодо бемор нашуда бошед? – гуфт.

– Не, ҷони оча, бемор нестам, аммо хабарҳои шумро шунида банди дилам меларзаду месӯзад.

Наход ин сияҳдилонро модар зода бошад? Наход онҳо шири модар хӯрда ба воя расида бошанд? – гуфт модар бо нӯги рӯймол ашки чашмон тоза карда.

– Очаҷон, ин хабарҳоро аз куҷо шунидед?

– Аз садову симо, писарам. Дар барномаи "Ахбор" гуфтанд.

– Очаҷон, шумо вақтҳои охир сиёсатмадор шудаед. Фақат ахбору барномаҳои сиёсиро тамошо мекунед. Ҳамааш хуб аст, очаҷон, худро беҳуда ғамгин насозед, – гуфта Нуриддин бо лаби пур аз табассум аз назди модар бароmаду зуд қиёфааш ҷиддӣ шуд.Ӯ аз сар задани хиёнатҳои полковник Маҳмуд Худойбердиев огоҳ буд, аммо намехост, модарро ғамгин созад.

Ӯ худ ба худ савол медод, ки чаро чунин кӯрнамакҳо, сияҳдилу сияҳпеша ва зархаридҳо фикри фарзандони бегуноҳи халқро намекунанд. Оҳи дили модаронро ба фалак расонидан бас будагист! Магар ҷанги дуру дарози зиёда аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

чилсолаи ҳамсояамон – Афғонистон барои онҳо сабақ нест? Охир, сарвари давлатамон тавонист дар як муддати кӯтоҳ оташи ҷангро хомӯш кунад. Боз чӣ мехоста бошанд, – гуфта Нуриддин аз паи кору бор шуд.

Модар бошад ҳамеша баъди шунидани чунин хабарҳои шум, таҳорат ба ҷой оварда, худро болои ҷойнамоз мегирифт.

Соатҳо нишаст, бо Худои худ суҳбат карда, аз он яктову ягонаву кариму раҳим оромию тинҷии кишварро металабид.

Дар чунин лаҳзаҳо дили модар қариб беҳаракат мешуд, беҳолу бемадор гашта меларзид, на танҳо дил, вуҷудаш, балки тамоми пайкараш меларзид, аммо тоқат мекард. Намехост боиси ташвиши фарзандону аҳлу ақрабо гардад.

Ҳар гоҳе хабари хуш шунавад, аз ҷой мехест, бардам ба асояш такякунон қадам мезад.

Вақте шунид, ки орзуи ҳазорсолаи мардуми Бадахшон ҷомаи амал пӯшид, шоҳроҳи Кӯлоб-Бадахшон кушода шуд ва шерозаи рамзии онро фарзандаш бурид, модар қаноатмандона оҳи пурҳаяҷон кашид. Дигар дилаш намеларзиду намесӯхт, чунки набзи дил бо рӯзгори мардум ҳамранг метапид, тобу тавон мегирифт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Модар аз дил гузаронид: «Сохтани роҳ ва пул савобтарин амал аст ва ин кори савобро фарзанди ман, ҷигарбанди ман амалӣ намуд. Худо баракаташ диҳад!» Вақте сафири Хитой дар Тоҷикистон баромад карда:

«Ин шоҳроҳ падидаи бузурги аср аст ва бояд давлатҳои олам инро эътироф бикунанд, зеро ин роҳ акнун Осиёи Марказиро ба Аврупо ва тамоми олам мепайвандад», – гуфт, шодии модар даҳчанд шуд.

Ин шоҳроҳ дар дили санги хоро бо ташабуси Сарвари давлат ва дастони роҳсозон чунон устокорона сохта шуд, ки ҳамаро ба ҳайрат овард.

По пешниҳоди Президент Девдара дар ҳамон рӯзҳо Гулдара ном гирифт.

Модар пайваста аз рӯйдодҳое, ки ба воситаи садо ва симо мерасониданд, бохабар буд. Сохтани роҳи зеризаминии Анзоб, бунёди Неругоҳҳои барқии обии Роғун ва Сангтӯда, садҳо дабистону кӯдакистону бемористон, сохтани садҳо километр роҳ ва миннатдорию хурсандии халқро мужда мерасонанд, модар болидарӯҳ мешуд, чун кӯдак шодӣ мекард ва беихтиёр ашк рӯяшро мешуст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Эмомаличонам, чону чигарам, ба ҳама серкорӣ нигоҳ накарда ба аёдати ман омадӣ. Гунаҳкори ин ҳама серкориҳоят манам бачам. Сарнавишти ту ба ман аён буд, аммо ман онро дигар карда наметавонистам. Қисмати ту аз азал маълум буд.

Очаҷон, ин қадар худро гунаҳкор накунед. Дар қисмати ман чизе бошад, ҳамонро мебинам. Аз хешу табор ва ҳақу ҳамсояҳо гап занед. Чӣ ҳол доранд?

Бачам, аҳволи ҳама якранг. Як рӯз маърака ороста чанд сол қарз мекананд. Ана, ҳамсоя, бечора чанд сол напӯшида, кам хӯрда, маблаға ба даст овард. Бо сӯзан ҷамъ карду бо шохин пош дод. Келин фаровард. Ҳама аҳли оила келинро бадбинӣ мекунанд, ки аз пушти қалинги арӯс шуда ҳама аҳли оила акнун қарз мекананд. Бачам, ҳамин қалингирию намоишкорӣ дар халқи мо набуд. Мегӯӣ, бо якдигар мусобиқа мекарда бошанд. Духтарони аз 20 то 30-солаи бешавҳар хеле зиёд шудааст.

Модар ин ҳарфҳоро гуфту пушаймон гашт. Дид, ки ҷигарбандаш ба фикр фурӯ рафт.

– Бачам, кори хуб накардам, туро бо нақлҳои пиронаи худ хаста кардам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

– Не, очаҷон, дуруст мегӯед. Маданияти рӯзгордорӣ надорем.

Баъди чанде масъалаи танзими расму ойинҳо ба миён омад.

Аз ин ташабуси Сарвари давлат пиру ҷавон шод буданд. Махсусан мардуми миёнаҳолу камбағал. Дар зарфи ин солҳои баъди қабули қонуни танзим, шояд ба аҳолӣ миллионҳо, балки чанд миллиард сомонӣ манфиат расида бошад.

Модар низ хушҳол буд, чунки чун донаи арзан ҳиссаи ӯ низ дар ин амали нек ҷой дошт.

– *Танҳо барои худ зистан зиндагӣ нест* – аз дил гузаронид Эмомалӣ.

6 ноябри соли 1994 бо роҳи овоздиҳии умумихалқи Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Овозаи сиёсати одилона, окилона, хирадмандона, меҳандӯстона, инсонпарварона, сулҳҷуёна ва ҷавонмардонаи ӯ дар тамоми ҷаҳон паҳн гашт. Бо баромадҳои дурбинонаи худ аз минбарҳои созмонҳои бонуфузи ҷаҳон машҳуру маҳбуб гардид.

Бори дигар фарҳанги ҳазорсола доштани тоҷиконро исбот кард. Китобе навишт барои



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

ҷаҳониён ва барои таърих «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва исбот кард, ки *тоҷик*, дар ҳақиқат, соҳибхираду *тоҷдор* аст.

Бо симои зебои нурониаш ба дилҳо шодӣ меоварад, фараҳ мебахшад. Ӯ тавоност, зеро дуои модар ҳамеша бо ӯст, нигоҳи пур аз меҳру вафову садоқати халқаш ҳамеша сӯи ӯ дӯхта шудааст. Охир, ӯ ҳам дар куҷое набошад, дар бораи халқаш, муваффақияту пешравии миллаташ фикр мекунад.

Ҳатто дар хонаи Худо як орзу кард «миллатам тинҷу осуда ва сарбаланд бошад».

…Модар бо қаноатмандӣ нигоҳи вопасинашро сӯи писар дӯхт. Ӯ ором буд, медонист, ки баъди рафтани ӯ писараш худро танҳо ҳис намекунад. Ҳама модарони тоҷик модари фарзанди азизи ӯянд.

Модар бо лабони ба табассум моил, бо чеҳраи кушода, тинҷу ором ва даст болои дил ин оламро падруд гуфт. Дарди дилашро ба касе нагуфт Фарзандонро нахост аз сӯхтани дилаш огоҳ созад. Аз дил мегузаронид: «Эмомалӣ хеле дилсӯз аст. Аз дарди дилам огоҳ шавад, зиқ мешавад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Кору ташвишҳои зиёд дорад, ин ҷигарбанди оча…»

Модари бузург нахост ӯро ба ташвиш биорад.

Модар аз имтиҳони ҷиддӣ бо сарбаландӣ гузашт. Шоҳписар зоид, ӯро тарбия кард. Ӯ ба дили пиру ҷавон роҳ ёфт ва мардум ӯро **Пешво** интихоб карданд...

Бо ҳамин таронаи бо сад умед сароидаи модари Пешво ба охир намерасад, чунки футуввату ҷоннисорӣ ва қаҳрамониҳои Пешвои миллат идома дорад…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

**Гулчеҳра Муҳаммадиева**

# ҲУМО СӮИ ҲУМОЮН БОЛ БИКШОД

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 04.06.2017 супорида шуд.
Чопаш 07.06.2017 ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 5,0. Адади нашр 1000 нусха.

Дар матбааи ҶДММ “_______” чоп шудааст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*